# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҚАРОР

## Дар бораи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030

Мутобиқи моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 ва Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2021-2025 оид ба амалисозии Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 тасдиқ карда шавад (замимаҳои 1 ва 2).

2. Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсози амалигардонии Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 муқаррар карда шавад.

3. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати амалӣ намудани Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва дигар маблағҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, чораҷӯӣ карда, аз натиҷаи он ҳар нимсола ба Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

4. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назар доштани имкониятҳои воқеии буҷети давлатӣ дар солҳои 2022-2025 маблағгузориро вобаста ба амалигардонии нақшаи амали стратегияи мазкур дар сатри алоҳида пешбинӣ намояд.

5. Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни иҷрои Стратегияи миллии

фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 ҳамасола то 10 феврал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 30 апрели соли 2021, № 167

ш. Душанбе

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 апрели соли 2021, №167

Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар
Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи баланд бардоштани мақоми занон дар ҳаёти ҷомеа диққати ҷиддӣ дода мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи тадбирҳои мушаххасро бо мақсади баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа, таъмини риояи ҳуқуқҳои конститутсионии онҳо, густариши фаъолияти ҷамъиятию меҳнатӣ, ҳалли масъалаҳои демографӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ, пешбарии онҳо ба мансабҳои роҳбарикунанда амалӣ гардонида истодааст.
2. Ҳуқуқҳои занон қисми таркибии ҳуқуқҳои умумии инсон мебошанд. Фароҳам овардани шароит барои иштироки ҳамаҷониба ва баробари занон дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа самти афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар зарурати иштироки фаъоли занонро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа талаб менамояд, аз ин рӯ, таъмини баробарии гендерӣ ва фаъолгардонии нақши занон дар ҷомеа ба рушди устувори мамлакат мусоидат менамояд.
3. Татбиқи қонунгузории миллӣ оид ба баробарии гендерӣ дар ҳама сатҳ шарти муҳимми иштироки пурраи занон дар ҳаёти ҷомеа буда, ҳамчун заминаи ҳатмии ҳуқуқӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ хидмат хоҳад кард.
4. Зарурати қабули Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 (минбаъд - Стратегия) барои ҳалли як қатор масъалаҳо вобаста ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, фаъолгардонии нақши онҳо, аз ҷумла дарк накардани зарурати таъмини баробарии гендерӣ ва татбиқи сиёсати гендерӣ аз тарафи ҷомеа, мавҷудияти ақидаҳои қолабӣ оид ба нақш ва мақоми занон дар ҷомеа, номукаммал будани заминаи қонунгузорӣ, ҳамкории нокифояи мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии занон машғуланд, мавҷудияти мушкилот дар амалисозии ҳуқуқҳои занон дар соҳаҳои меҳнат, иқтисод, фарҳанг, сиёсат ва дигар соҳаҳо ба миён омадааст.
5. Дар Стратегия самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба фаъолгардонии нақши занон муайян гардида, он ба татбиқи принсипи баробарии ҳуқуқу озодиҳои мардону занон ва фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои амалисозии он аз ҷониби занон, таъмини намояндагии баробари мардон ва занон дар соҳаҳои мухталифи фаъолият, пешгирӣ ва аз байн бурдани зӯроварӣ нисбати занон равона шудааст.
6. Стратегия ғийати иғрои дастуру супоришӣои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ғумӣурии Тоғикистон, муӣтарам Эмомалӣ Раӣмон, ки зимни суханронӣ дар маросими савгандёдкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баён доштанд, дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумӣурии Тоғикистон, Ќонуни Ғумӣурии Тоғикистон «Дар бораи кафолатӣои давлатии баробарӣуќуќии мардону занон ва имкониятӣои баробари амалигардонии онӣо» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон таӣия гардидааст.
7. Ҳадафи асосии Стратегия аз фароҳам овардани замина ва шароитҳои зарурӣ ва кофӣ барои ба пуррагӣ нишон додани қобилияти занон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию

иқтисодӣ, татбиқи сиёсати давлатии гендерӣ, механизмҳои татбиқи кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занон, пешгирӣ ва аз байн бурдани зӯроварӣ дар оила, рушди соҳибкории занон, баланд бардоштани маърифатнокии занон, таъмини иштироки васеи онҳо дар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ба ин васила таъмини рушди устувори давлат иборат мебошад.

8. Стратегия бо дар назар доштани йадафйои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, таҷрибаи бардошта аз амалисозии стратегияҳои қаблӣ оид ба фаъолгардонии нақши занон ва мутобиқи муносибати нави ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаҳои татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор то соли 2030 таҳия шудааст. Стратегияи мазкур давомиислоҳотеро дар бар мегирад, ки аз лаҳзаи амалишавии Стратегияи қаблии миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 оғоз ёфта буд.

9. Таҳия, қабул ва татбиқи қонунгузорӣ ва такмили минбаъдаи он дар соҳаи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа барои беҳтар шудани сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маърифати ҳуқуқию иқтисодии оилаҳо, пешгирии зӯроварӣ нисбати занон, фаъолгардонии нақши занон дар ҷомеа, иштироки фаъолонаи онҳо дар идоракунии давлат, аз ҳисоби бонувони лаёқатманд тарбия намудани мутахассисони боистеъдоду донишманд ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занон равона карда шудааст.

10. Дар Тоҷикистон нисфи аҳолии кишварро занон ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, ноил гаштан ба рушди устувор дар кишвар бидуни бартараф намудани нобаробарии гендерӣ, васеъ намудани имкониятҳои занон барои истифодаи ҳуқуқҳои худ, таъмини баробарии гендерӣ, бартараф намудани сабабҳои асосии ҳуқуқмаҳдудкунии гендерӣ имконнопазир аст. Асоси пешрафт дар самти рушди устувор ва ба даст овардани баробарии амалии занону мардон бояд тавсеаи имкониятҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии занон, муносибат ба занон на танҳо ҳамчун ба гурӯҳи осебпазир, балки ҳамчун иштирокчиёни фаъоли ҷомеа бошад.

11. Тоҷикистон тибқи Феҳристи норасоии гендерии соли 2016 миёни 144 мамлакат дар ҷои 93-юм қарор дошта, дар гурӯҳбандии соли 2016 танҳо аз рӯи яке аз чаҳор нишондиҳандаи асосӣ – таъмини баробарии занон ва мардон дар ҳаёти иқтисодӣ дар ҷойи 47-ум ҷойгир гаштааст. Аз ҷиҳати дастрасии занон ба таҳсилот дар ҷойи 118-ум, аз рӯи имкониятҳо дар соҳаи тандурустӣ – дар ҷойи 126-ум қарор дорад.

12. Мувофиқи натиҷаҳои интихоботи соли 2020 ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ғумйурии Тоғикистон 8 зан ё 25,8 фоиз ва Маҷлиси намояндагон 15 нафар ё 23,8 фоиз интихоб шуданд, ки нисбат ба интихоботи гузашта қариб 4 фоиз зиёд мебошад. Шумораи занон дар маҷлисҳои вакилони халқи шаҳри Душанбе ба 41,5 фоиз, вилоятҳои Хатлон қариб 35 фоиз, Суғд беш аз 33 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон зиёда аз 34 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ қариб ба 30 фоиз расидааст.

13. Ба ҳолати якуми январи соли 2021 аз шумораи умумии 19210 хизматчии давлатӣ 4485 нафар ё 23,4 фоизро занон ташкил медиҳанд.

14. Саҳми занон дар рушди соҳаҳои илму маориф ва тандурустии мамлакат торафт афзуда истодааст. Тибқи маълумоти оморӣ соли 1991 дар соҳаи маорифи кишвар 118,5 ҳазор омӯзгор фаъолият менамуд, ки 41 фоизи онҳоро занону духтарон ташкил медоданд. Имрӯз дар соҳаи маорифи кишвар ҳиссаи занон 73 фоизро ташкил медиҳанд.

15. Дар соҳаи тандурустӣ соли 1998 аз 45 ҳазор корманд 25 ҳазор нафари онҳо занону духтарон буданд. Ҳоло дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар 110 ҳазор корманд фаъолият менамоянд, ки аз онҳо беш аз 68 фоизро занон ташкил медиҳанд.

16. Фаъолияти занон дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар низ назаррас буда, ҳоло шумораи роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоби занон 35600 нафар ва занони соҳибкор 77400 нафарро ташкил медиҳад.

17. Ҷудо намудани қарз яке аз василаҳои беҳтар намудани шароити иқтисодии занон ва оилаҳо мебошад. Соли 2020 ба занони соҳибкор ба маблағи 2 миллиарду 100 миллио н сомонӣ қарз дода шудааст.

18. Мушкилоти камбизоатӣ ва нобаробарии гендерӣ бо ҳам зич алоқаманданд. Бартараф кардани камбизоатӣ то ба ҳол мушкилоти ҳалталаб боқӣ мондааст. Дастрасии нобаробар ба таҳсилот, тандурустӣ ва ғайра дар оилаҳои камбизоат дар муқоиса бо оилаҳои таъминоташ хубтар бештар эҳсос мегардад. Вазъи иҷтимоии мардон ва занон ба сатҳи таҳсилотии онҳо зич алоқаманд аст. Ин мушкилот духтарон ва занонро дар ҳолати ногувор қарор дода, имкониятҳои онҳоро барои иштироки баробар дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар маҳдуд мекунад.

19. Стратегияи мазкур ба тайёр намудани мутахассисон оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ ва ҳалли мушкилоте нигаронида шудааст, ки метавонанд дар таҳияи сиёсати миллӣ вобаста ба мавқеи баробарии гендерӣ, амалисозии ҳуқуқҳои занон, зиёд гаштани занон дар ҷараёни қабули қарорҳо дар ҳамаи зинаҳо, таъмини ҳуқуқҳои баробар барои иштироки занон дар бозори меҳнат, ҳифзи саломатии занон ва пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон кумак расонанд.

20. Ҷалби ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои ҳалли масъалаҳои гендерӣ, баргузории чорабиниҳои муштарак ва ба таври доимӣ ташкил намудани ҳамкориҳо байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятии занон ҳангоми ҳаллу фасли масъалаҳои назарраси иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Чорабиниҳои дар Стратегияи мазкур пешбинигардида метавонанд ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар заминаи давлатию ҷамъиятӣ татбиқ карда шаванд.

## 2. МАҚОМИ ЗАН ДАР ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСИИ МАМЛАКАТ

21. Дар мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон занон мавқеи сусти ками роҳбарии сиёсиро ишғол мекунанд. Давлат ба мардон ва занон ҳуқуқи баробари иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, аз ҷумла дар соҳаи идоракунии давлат, ҳуқуқи интихоботӣ, қабул шудан ба хизмати давлатиро ҳангоми таъин ё интихоб шудан ба мақомоти давлатӣ кафолат медиҳад.

22. Татбиқи сиёсати давлатҷ дар самти таъмини йуќуќ ва имкониятйои баробари занону мардон, таъмини баробарии гендерӣ дар ҳаёти сиёсӣ, зиёд намудани намояндагии занон дар мақомоти иҷроия ва намояндагии ҳокимияти давлатӣ дар ҳама сатҳҳои идоракунӣ яке аз ҳадафҳои Стратегия мебошад.

23. Дар ин раванд мушкилоти зерини ҳалталаб дида мешавад:

- иштироки нобаробари мардону занон дар хизмати давлатӣ, бахусус дар сатҳи ишғоли мансабҳое, ки ваколати қабули қарорро доранд;
- намояндагии нокифояи занон дар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, намояндагии ками онҳо дар вазифаҳои роҳбарикунанда ва дар ташкилот новобаста аз шакли моликият;
- мавҷудияти қолабҳои кухнаи марбут ба нақши занон дар ҷомеа ва баробарҳуқуқии занону мардон;
- маҳдуд будани василаи самарабахши пешбарии занон дар сатҳи қабули қарорҳо;
- мавҷуд набудани стратегия ва барномаҳои пешбарии занон ба мақомоти давлатӣ дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ;
- номукаммалии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятии занон, парокандагии кӯшишҳои ташкилотҳои занон, ки ба ҳифзи манфиатҳои занон нигаронида шудаанд;
- мавҷудияти хурофот ва таассубҳои ҷамъиятие, ки ба пешрафт ва фаъол гаштани нақши занон монеа эҷод менамоянд;

- нокифоя будани ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии занон барои расидан ба баробарии гендерӣ;

- дар сатҳи зарурӣ иҷро ва татбиқ нагардидани санадҳои қонунгузории марбут ба оила, занон ва кӯдакон;

- нокифоягии таҷрибаи сиёсӣ ва идоракунии худи занон.

24. Дар ин давра натиғайои мусбии назаррас дар самтҳои зерин ба даст оварда шуд:

- таъмини имкониятҳои баробар барои занон дар сиёсат, ки ба беҳбудии вазъи корҳо дар мамлакат мусоидат намуданд;

- таъмини иштироки бештари занон дар сохторҳои идоракунии шаклҳои гуногуни роҳбарӣ;

- баррасии масъалаи ҷорӣ кардани имтиёзҳо барои занон ҳамчун тадбири муваққатӣ бо мақсади таъмини иштироки доираи нисбатан васеи онҳо дар мақомоти иҷроия ва намояндагии ҳокимияти давлатӣ бо дар назар доштани талаботи Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон;

- ташкикл намудани ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ доир ба масъалаҳои дастрасӣ ба имкониятҳои баробари мардон ва занон, баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа;

- омӯхтани таҷрибаи кишварҳои пешрафта оид ба масъалаҳои фаъолгардонии занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа.

25. Байри ноилгардҷ ба йадафйо чунин афзалиятйо пешбинӣ мегарданд:

- васеъ намудани ваколатҳо ва имкониятҳои мақоми ваколатдори давлатии соҳаи занон оид ба пешбурди сиёсати давлатии гендерӣ, баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа ва фаъолгардонии нақши онҳо дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла сиёсат, иқтисод, ҳуқуқ, маънавиёт ва фарҳанг;

- таъмини ташаккули маблағгузориҳои ба самти сиёсати давлатии гендерӣ равонашуда;

- ҷалби бештари занон ба фаъолияти сиёсӣ ва иқтисодӣ.

26. Амалигардонии стратегияи мазкур самтйои зеринро дар бар мегирад:

- ташкил намудани омодасозии занон ҷиҳати иштирок дар фаъолияти сиёсӣ ва идоракунӣ, таъмини иҷрои барномаҳои дахлдори гендерӣ, маблағгузории онҳо, инчунин, ташаккули захираи мутахассисон аз ҳисоби занон барои кор дар мақомоти идоракунии сатҳҳои гуногун;

- баланд бардоштани ҳассосияти гендерии кормандони тамоми шохаҳои ҳокимият;

- таҳияи механизмҳои институтсионалӣ дар сиёсатҳои соҳавӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои миллӣ ва байналмилалӣ доир ба таъмини баробарии гендерӣ ва тавсеаи ҳуқуқу имкониятҳои занон;

- баррасии масъалаи таъсиси гурӯҳҳои гендерӣ дар ҳамаи вазорату идорайо;

- ҷорӣ намудани омӯзиши равиши гендерӣ барои ҳамаи хизматчиёни давлатӣ;

- ташкил намудани ҳамкориҳои судманд бо ташкилотҳои ҷамъиятии занон, ҷавонон, иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳое, ки дар самти беҳдошти вазъи занон фаъолият менамоянд;

- гузаронидани муҳокимаҳои ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои идомаи ҷудо намудани квота барои занон ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, интихоб ба мақомоти маҳаллӣ ва марказии ҳокимияти давлатӣ;

- дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ ба роҳ мондани дарсҳо ва мавзӯъҳои омӯзишӣ ҷиҳати тайёр намудани мутахассисон ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ;

- ташкили таъминоти иттилоотии сиёсати баробарии гендерӣ, инъикоси беғаразонаи мушкилоти занон ва мардон дар воситаҳои ахбори омма, ташаккули мартабаи мусбии занони муваффақ;

- пешбурди корҳои тадқиқотии шарҳиҳолӣ (биографӣ) оид ба пешравии мансабии занони комёб дар шохаҳои мухталифи ҳокимияти давлатӣ;

- ташкил намудани чорабиниҳои иттилоотию таблиғотӣ, ки ба фаъолгардонии иштироки занон дар дигаргунсозиҳои иҷтимоию сиёсӣ, афзудани теъдоди онҳо дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ равона шудаанд;

- тавассути барномаҳои давлатию ғайридавлатӣ дастгирии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятии занон;

- идома додани таҷрибаи тайёр намудан ва пешбарии занони сарвар тариқи омӯзиш дар мактабҳои сарварон ва дигар механизмҳои омӯзишӣ;

- тавассути ташкили семинару тренингҳо пеш бурдани корҳои маърифатӣ бо роҳбарон ва аъзои ҳизбҳои сиёсӣ, васеъ намудани ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ бо иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар самти ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои оила, занону кӯдакон фаъолият менамоянд;

- омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи пешқадами байналмилалҷ оид ба масъалаҳои фаъолнокии занон;

- ташкил ва баргузории барномаҳои омӯзишӣ барои баланд бардоштани малакаву кордонии занон-роҳбарони сохторҳои худидоракунии маҳаллӣ ва ройбарони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот.

27. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:

- санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда такмил дода шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав дар самти сиёсати давлатии гендерӣ қабул мегарданд;

- теъдоди занон дар мансабҳои роҳбарикунанда зина ба зина бештар гардида, иштироки васеи онҳо дар ҳамаи соҳаҳо таъмин мешавад;

- масъалаи таъсиси Шӯрои миллӣ оид ба гендер баррасҷ мегардад;

- дар сиёсати соҳавӣ муқаррароти танзимкунандаи ӯҳдадориҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба таъмини баробарии гендерӣ ва тавсеаи ҳуқуқу имкониятҳои занону духтарон ворид карда мешаванд;

- маблағгузории ба самти таъмини баробарии гендерӣ ва фаъолгардонии нақши занон дар ҷомеа равонашуда ташаккул мeёбад.

## 3. ФАЪОЛГАРДОНИИ ШУҒЛИ ЗАНОН ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ

28. Мардон ва занон ба меҳнат, аз ҷумла интихоби касб, кор ва ҳифзи меҳнат, дастрасии баробар ба ҷойҳои холии корӣ, пешравӣ дар хизмат, музди баробар ҳангоми меҳнати якхела, имкониятҳои баробар барои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ доранд. Мавҷудияти чораҳои махсус барои занон дар муносибатҳои меҳнатӣ вобаста ба таъмини баробарии гендерӣ маҳдудият ҳисобида намешавад.

29. Фароҳам овардани шароит барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои иқтисодии занон ва таъмини иштироки баробари онҳо дар ҳаёти ҷомеа, таъмини баробарии гендерӣ дар соҳаи шуғл, баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии занон дар бозори меҳнат яке аз йадафйои асосии Стратегияи мазкур мебошад.

30. Дар ин раванд чунин мушкилоти ҳалталаб мавҷуданд:

- мавҷудияти нобаробариҳои дорои хусусияти гендерӣ дар тамоми бахшҳо;

- иштироки нокифояи занон дар ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоӣ;

- баланд будани сатҳи бекорӣ дар миёни занон;

- сатҳи пасти маълумотнокӣ ва малакаҳои кории занон, бахусус дар деҳотҷойҳо;

- ҳаҷми назарраси пардохтнашудаи меҳнати хонагии занон дар натиҷаи иҷрои вазифаҳои репродуктивӣ, рушди нокифояи инфрасохтори иҷтимоӣ, бахусус дар деҳот;

- мавқеи нисбатан сусти рақобатпазирии занон дар бозори меҳнат;

- дар байни аҳолии камбизоат ҳанӯз зиёд будани теъдоди занон, аз ҷумла аз табақаҳои осебпазир (занони нафақахӯр ва маъюб, модарони танҳо, модароне, ки дар тарбияи худ кӯдакони маъюб доранд, ҳамсарони муҳоҷирони меҳнатӣ);

- нокифоягии тадқиқот ва омӯзишҳо оид ба масъалаи табъизи занон дар соҳаи шуғл;

- дар натиҷаи таъсири баъзе омилҳои объективӣ мушкил гаштани вазъияти заноне, ки бо меҳнати дорои музди ҳадди ақал, хавфнок ва ғайрирасмӣ машғуланд, бахусус занони деҳот, ки аз кумакҳои ҳамсарони муйоғир маҳрум шудаанд.

31. Дар ин давра натиғайои мусбии зерин дар ин самтҳо ба даст омадаанд:

- фарогирии теъдоди бештари аҳолӣ дар амалисозии барномаҳои рушди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолгардонии нақши занон ва таъмини баробарии гендерӣ;

- тавсеаи имкониятҳои ба занон омӯзонидани малакаву тахассусҳои наве, ки дар соҳаҳои истеҳсолоти баландмузд талабот доранд;

- дастгирӣ ёфтани ҷараёни таъмини имкониятҳои баробар барои мардон ва занон аз ҷониби созмонйои байналмилалӣ;

- ҳамкории ташкилотҳои ҷамъиятии занон бо созмонйои байналмилалӣ барои баланд бардоштани фаъолнокии занон дар бозори меҳнат;

- мустаҳкам гаштани робита бо ташкилотҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалие, ки ба масъалаҳои пешравии иқтисодии занон машғуланд;

- тадбирҳои рушди омори гендерӣ дар соҳаи шуғлнокӣ.

32. Байри ноилгардҷ ба йадафйо чунин афзалиятйо пешбинӣ мегарданд:

- андешидани чораҳо оид ба пешбарии иқтисодии занон ва таҳияи сиёсати давлатӣ доир ба шуғли пурмаҳсул барои занон;

- васеъ намудани барномаҳои шуғли кӯтоҳмуддат бо дар назар доштани талабот ва манфиатҳои мардону занон, ҷавонон, шахсони имконияташон маҳдуд ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ;

- баланд бардоштани сатҳи шуғлнокӣ дар асоси принсипи баробарии гендерӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ;

- фароҳам овардани баробарии гендерӣ дар соҳаи меҳнат;

- таъмини дастрасии занон бо ҷойҳои корӣ, махсусан берун аз бахши кишоварзӣ;

- ташаккули заминаҳо барои рушди шуғли фосилавӣ барои занон дар заминаи баланд бардоштани саводнокии рақамӣ;

- зиёд намудани нишондиҳандаҳои омори гендерӣ дар соҳаи шуғлнокӣ;

- гузаронидани мониторинги мутаносиби гендерии шуғлнокӣ дар ҳама соҳаҳои истеҳсолот;

- аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ маърифатнок намудани занон.

33. Амалигардонии ҳадафҳои мазкур дар ин самт тадбирйои зеринро дар бар мегирад:

- таҳияи санадҳои қонунгузорӣ доир ба омилҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва имтиёзҳое, ки ҳавасмандии корфарморо ҷиҳати ба кор қабул кардани шаҳрвандони дорои

уҳдадориҳои оилавӣ, аз ҷумла вобаста ба вақти кори нопурра, ҷадвали васеи корӣ ё кор дар хона;

- таҳияи механизмҳои ҳифзи ҳуқуқии кормандон ҳангоми ҳуқуқмаҳдудкунии гендерӣ дар ҷойи кор;

- васеъ гардонидани барномаҳои шуғлнокии кӯтоҳмуддат бо дар назар доштани талаботи занон, бахусус занони маъюб;

- такмили махзани оморӣ ва таҳлилии арзёбиву таҳияи дурнамои вазъи шуғлнокии аҳолӣ бо дар назар доштани ҷанбаҳои гендерӣ;

- таҳия намудани маҷмӯи кафолатҳо барои дастрас будани баробарии гендерӣ ҳангоми пешравӣ дар хизмат ва фароҳам овардани шароит барои дар як вақт соҳиб шудан ба комёбиҳои хизматӣ ва иҷрои ҳамзамонии уҳдадориҳои оилавӣ ва тарбияи фарзандон;

- идома додани усулҳои нави дастгирии занон ва мардоне, ки ба нигоҳубину тарбияи кӯдакон машғуланд, инчунин механизмҳои ҷалби мардон ба тарбияи кӯдакон;

- гузаронидани таҳлил ва омӯзиши вазъи занон дар байни аҳли меҳнат ва ҷойҳои корӣ бо мақсади ҷамъоварии пешниҳодот вобаста ба риояи ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари занону мардон;

- гузаронидани тадқиқоти махсус оид ба муайян намудани сабабҳои нобаробарӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт;

- ба роҳ мондани баҳисобгирии дурнамои эҳтиёҷот ба мутахассисон барои иқтисодиёти Тоҷикистон бо дар назар доштани ҷанбаҳои гендерӣ;

- омӯзонидани занон барои истифодаи техникаи кишоварзӣ, ки ба озод шудани захираҳои меҳнатӣ ва афзоиши даромади занони фермер оварда мерасонад;

- ҷалби бахшҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои иштирок дар бозомӯзии занони бекор ҷиҳати аз худ кардани тахассусҳое, ки дар бозори меҳнат талабот доранд;

- тавассути кӯшишҳои муштараки мақомоти иҷроия, хадамоти шуғл, ташкилотҳои ҷамъиятиву байналмилалӣ барои занон ташкил ва барузор намудани дарсҳои ройгон оид ба мутобиқгардонии иҷтимоӣ, худташаккулдиҳӣ, фаъолнокӣ, уҳдабароиву ботадбирӣ;

- таҳияи барномаҳои омӯзишӣ барои таълими касбӣ, бозомӯзӣ, такмили тахассуси занон пас аз бозгашт ба кор аз рухсатии ҳомиладорӣ ва нигоҳубини кӯдак;

- омода намудани мутахассисон дар самти рушди шуғли фосилавӣ барои занон, аз ҷумла занони дорои имкониятҳои маҳдуд ва дигар гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа дар заминаи баланд бардоштани саводнокии раќамӣ;

- таҳияи барномаҳои рушди соҳибкории хурд ва оилавӣ, шаклҳои гуногуни худмашғулият, аз он ҷумла, фосилавӣ;

- ҳалли мушкилоти нобаробарии рақамӣ ва дастрасии занон, бахусус занони соҳибкор ба манбаъҳои интернетӣ;

- рушди низоми машваратдиҳӣ ва касбинтихобкунии занони дорои қобили меҳнат, мусоидат ба татбиқи барномаҳое, ки аз ҷониби коршиносон баҳои мусбат гирифтаанд;

- дастгирии ҳаматарафаи ҳифз ва рушди шабакаи муассисаҳои томактабӣ ва беруназмактабӣ, муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоие, ки барои ҳама шаклҳои оила дастрас мебошанд;

- тақвияти назорати доимии вазъи занон дар бозори меҳнат;

- таҳияи меъёрҳои арзёбии таъсири омилҳои муҳити атроф ва шароитҳои меҳнат ба саломатии занони дар ташкилотӣои шаклҳои гуногуни моликият фаъолияткунанда;

- фароҳам овардани шароит ҷиҳати таъмини шуғли занони рақобатпазириашон заиф (занон аз табаќайои осебпазири айолӣ, занони дорои имконияти майдуд ё дар тарбияашон кӯдакони маъюбдошта, модарони серфарзанд, занон-сарварони оилаҳо, занони аз таъминоти ҳамсарони муҳоҷир худ маҳрумшуда, занони аз маҳбас озодшуда ва ғайра);

- тахия намудани маҷмӯи чорабиниҳо барои ҳавасмандгардонии корфармо ҷиҳати истифодабарии қувваи корӣ ва ба кор ҷалб намудани занон аз чунин гурӯҳҳои осебпазир.

34. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:

- ба шуғли пурмаҳсул теъдоди бештари занон ҷалб мегарданд;
- манфиатҳои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба инобат гирифта мешаванд;
- дар байни занон сатҳи бекорӣ коҳиш меёбад;
- теъдоди занони дорои таҳсилоти касбӣ афзоиш меёбад;
- корфармо ҷиҳати ба кор қабул намудан ва истифодаи меҳнати занон ҳавасманд мегардад;
- номутаносибии гендерӣ дар бозори меҳнат коҳиш меёбад;
- муносибатҳои меҳнатӣ ба расмият даровард, ҳифзи иҷтимоии занон такмил меёбад.

# 4. ДАСТГИРИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ЗАНОН

35. Мардон ва занон дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳамаи соҳаҳо ва шаклҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои баробар доранд. Давлат баробарии ҳуқуқи мардон ва занонро дар таъсиси ташкилотҳои тиҷоратӣ, дастрасии баробар ба гирифтани иҷозатнома, ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ, ҷорӣ намудани андозбандии имтиёзноки соҳибкоронро новобаста аз ҷинс, инчунин, ҳавасмандгардонии занонро баҳри пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ кафолат медиҳад.

36. Таъмини баробарии гендерӣ дар соҳаи иқтисодиёт, ҳавасмандгардонии занон барои ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ, дастрасии баробар ба захираҳои молиявӣ тавассути қарздиҳии дастрас, ташаккули низоми институтсионалии дастгирии рушди соҳибкории занон омилҳои асосии рушди соҳибкории занон мебошад.

37. Дар ин раванд чунин мушкилот мавҷуданд:

- маҳдуд будани механизмҳои самаранок ҷиҳати рушди соҳибкории занон;
- мушкилот дар дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ дар соҳаи қарздиҳӣ;
- нобаробарӣ дар тақсимоти захираҳо байни мардон ва занон, ки сабаби асосии ба занон дастрас набудани захираҳои молиявӣ, мушкилоти дастрасӣ ба қарзҳо бо сабаби набудани моликияти кафолатӣ мебошад;
- нокифоягии иттилоот ва маърифати ҳуқуқии занон оид ба соҳибкорӣ;
- номукаммал будани таҳлили гендерӣ ва нишондодҳои гендерие, ки натиҷаҳои татбиқи сиёсати гендериро дар соҳаи иқтисодиёт ва соҳибкорӣ инъикос менамояд;
- паст будани рақобатпазирии занон дар бозори меҳнат бинобар тақсимоти нобаробарии вазифаҳои хонавода дар байни аъзои оила;
- мавҷуд набудани захираҳои молиявии зарурӣ ва сари вақт дастрас набудани он ҷиҳати оғози соҳибкорӣ (стартапҳо);
- новобаста аз зиёд намудани филиалҳои бонкҳои алоҳидаи тиҷоратӣ дар минтақаҳо, боқӣ мондани мушкилоти барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо барои гирифтани қарз;
- амалӣ нагардидани низоми мониторинги истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва иттилоотонии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;
- суст гардидани мавқеи рақобатпазирии занон, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои дорои музди баланд;
- пуршиддат гардидани рақобат дар бозорҳои мол, хусусан дар бозорҳои маҳсулоти ғайриистеъмолӣ.

38. Дар ин давра натиҷаҳои мусбии зерин дар ин самтҳо ба даст оварда шуданд:

- амалӣ гаштани як қатор ислоҳоти сохторӣ дар самти дастгирии соҳибкорӣ ва ислоҳоти замин, ки ба беҳдошти муҳити соҳибкорӣ равона гаштаанд, фароҳам омадани заминаҳо барои рушди ташаббуси инфиродии қисми аз лиҳози иқтисодӣ фаъоли аҳолӣ, рушди соҳибкории хурд ва миёна;

- қабули ќарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсиси грантҳои Президенти Ғумӣурии Тоғикистон барои рушди соҳибкории занон;

- тақвияти талошҳои Ҳукумат дар ин самт бо дастгирии созмонӣои байналмилалӣ, Бонки Умумиҷаҳонӣ, Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид, Бонки Осиёгии Рушд, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Агентии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба рушди байналмилалӣ;

- фаъолияти сохторҳои ҷамъиятие, ки ба рушд ва ҳифзи манфиатҳои соҳибкории хурду миёна мусоидат мекунанд, аз ҷумла Ассотсиатсияи созмонҳои молиявии хурди Тоҷикистон, Ассотсиатсияи миллии тиҷорати хурд ва миёна, Ассотсиатсияҳои занони соҳибкори Тоҷикистон, Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва ғайра;

- фароҳам овардани фазои мусоиди рушди муътадили соҳибкорӣ барои дастгирии табақаи нави соҳибмулкон, рушди институтҳо ва сохторҳои нави ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- таъмини дастрасии занон ба захираҳои молиявӣ, маблағгузории хурд ҳамчун манбаи асосии рушди соҳибкории хурду миёна;

- тавассути маблағгузорӣ дар дохили мамлакат дастгирии ташкилотҳои молиявии хурди машғули хизматрасониҳои молиявии сокинони деҳот, ҳамчунин, нафароне, ки дар минтақаҳои дурдаст зиндагӣ мекунанд, тавсеаи иштироки ташкилотҳои молиявии хурд дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ;

- васеъ кардани дастрасии занон ба қарзҳо, сода кардани раванди дарёфти қарзҳо, омӯзонидани малакаву касбҳои наве, ки соҳаҳои истеҳсолоти дорои музди баланд ниёз доранд;

- барқарорсозии заминаи илмию техникии деҳот – хадамоти селексионӣ, тухмипарварӣ, навъозмоӣ, зотпарварӣ, агрокимиёвӣ, ҳамчунин масъалаҳои амнияти кишоварзӣ ва ғайра.

39. Баӣри ноилгардҷ ба ӣадафӣо чунин афзалиятӣо пешбинӣ мегарданд:

- фароҳам овардани шароит барои амалҷ намудани ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодии занон ва таъмини иштироки баробари онҳо дар ҳаёти ҷомеа;

- баланд бардоштани фаъолнокии занон дар бахши иќтисодиёт, дастгирии соҳибкории занон;

- таҳияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии дорои ҷанбаи гендерии мамлакат, таҳлили саҳми мардон ва занон ба натиҷаҳои иқтисодии сиёсати макроиқтисодии амалишаванда;

- қабули барномаҳо оид ба таъмини дастрасии баробари занони деҳот ба захираҳои иқтисодӣ;

- баланд бардоштани маълумоти гендерии кормандони сохторҳое, ки дар рушди соҳаи соҳибкорӣ ва заминсозӣ фаъолият мекунанд;

- такмили тахассуси касбии роҳбарон ва мутахассисон дар соҳаи кишоварзӣ ва хоҷагии об бо дар назар доштани зиёд намудани теъдоди занон;

- баланд бардоштани маърифати иқтисодӣ ва ҳуқуқиии ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ.

40. Амалигардонии ҳадафҳои мазкур дар ин самт тадбирӣои зеринро дар бар мегирад:

- баланд бардоштани фарҳанг ва саводнокии соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ, аз ҷумла байни занон, зиёд намудани шумораи бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, форумҳо ва тренингҳо;

- пешниҳод намудани имтиёзҳо баҳри ҷалби фаъоли занон ба фаъолияти соҳибкорӣ;

- васеъ намудани таблиғу ташвиқи омӯхтани касбу ихтисосҳои дар бозори меҳнат талабгор;

- баланд шудани рақобатпазирии занон дар бозори меҳнат бо истифода аз маҷмӯи чораҳои дастгирӣ (машваратдиҳӣ, кумак дар омӯзиш

- ва таъмин бо ҷойи кор), рушди минбаъдаи соҳибкорӣ ва худмашғулият байни занон;

- бозомӯзии касбии занон, омӯзонидани қобилияти идоракунӣ ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ;

- таҳияи шабакаи васеи марказҳои таҳсилоти иқтисодӣ, такмили тадбирҳо оид ба рушди соҳибкории хурду миёна бо роҳи дастгирии молиявии соҳибкорӣ, рушди васеи хизматрасониҳои машваратӣ ва тиҷоратӣ (маркетингӣ);

- таҳияи механизмҳо ҷиҳати ба соҳибкорӣ ҷалб намудани занон ва мусоидат ба рушди корхонаҳои навтаъсисдодаи онҳо;

- рушди шуғли занон дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;

- ба омӯзиши касбҳои техникӣ фаро гирифтани теъдоди бештари духтарон ва занон;

- ташкили омӯзишҳо барои занони деҳот бо мақсади баланд бардоштани донишҳои иқтисодӣ ва малакаҳои ташкилу рушди соҳибкорӣ;

- ҷалби бахши тиҷоратӣ ва ташкилоти ҷамъиятӣ ҷиҳати иштирок дар бозомӯзии занони бекор вобаста ба касбҳои бозоргир бо дар назар доштани хоҳиш ва сатҳи таҳсилот.

41. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:

- нишондиҳандаҳои шумораи занони ба соҳаи соҳибкорӣ ҷалбшуда то 35 фоиз афзоиш меёбад;

- ҳиссаи занони соҳиби замин ва роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) зиёд мегарданд;

- иштироки васеи занон дар рушди иқтисодиёти кишвар таъмин мегардад;

- сатҳи некуаҳволии аҳолӣ баланд мегардад.

## 5. БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ТАҲСИЛОТИ ЗАНОН

42. Давлат таъмини шароити баробари дастрасии мардон ва занонро ба гирифтани та5ҳсилоти асосӣ, умумӣ, ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ, таҳсилоти пас аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ҳамаи намудҳои таҳсилоти касбӣ ва такмили ихтисос, иштирок дар амалисозии раванди таълимӣ ва илмӣ кафолат медиҳад.

43. Баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти занони Тоҷикистон, таъмин намудани баробарӣ ва дастрасӣ ба ҳамаи зинаҳои таҳсилот, таъмини иштироки васеи занон дар амалисозии ҷараёни таълимӣ ва илмӣ йадафи асосии Стратегия аст.

44. Дар ин раванд чунин мушкилот мавҷуданд:

- нокифоягии фарогирии духтарон, махсусан духтарони деҳот ба низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- мавҷудияти баъзе қолабҳои шахшудаи хурофотӣ дар ҷомеа оид ба муҳиму зарур набудани таҳсилоти ҳаматарафаи замонавию касбӣ барои духтарон;

- нокифоягии фаъолнокии занон дар ҳаёти сиёсӣ ва бозори меҳнат вобаста ба сатҳи таҳсилот;

- масрафи зиёди неруи ҷисмонӣ ва вақти занон барои иҷрои корҳои хона ва надоштани вақти кофӣ барои омӯзиш, баланд бардоштани тахассус ва худомӯзӣ;

- надоштани одитарин донишҳои асосии ҳуқуқӣ, ки имконияти занонро барои ҳимояи ҳуқуқ ва амалисозии имкониятҳои худ маҳдуд менамояд;

- нарасидани коршиносон оид ба ташхиси гендерии барномаҳои таълимӣ дар самти таҳия ва татбиқи барномаҳои аз нигоҳи гендерӣ ҳассос;

- нокифоягии инъикоси мушкилот ва монеаҳо ҷиҳати иштироки занон дар ҷараёни таҳсил дар воситаҳои ахбори омма.

45 Дар ин давра натиҷаҳои мусбии зерин дар ин самтҳо ба даст оварда шуданд:

- эътирофи таҳсилот ҳамчун кафолати рушди устувори иқтисодӣ ва талаботи бозори меҳнат;
- ҳатмӣ будани таҳсилоти миёнаи пурра;
- ҷудо гардидани квотаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои гирифтани таҳсилоти олӣ барои духтарони минтақаҳои дурдаст имконият дод;
- ислоҳоти низоми маориф, ки ба ҳамгироии васеъ ба низоми ҷаҳонии таҳсилот нигаронида шуда, дар доираи он тартиби маблағгузорӣ низ тағйир ёфтааст;
- ташкили низоми доимоамалкунандаи таълими занони сарвар, ки дар сохторҳои идораи давлатӣ кор мекунанд;
- ба барномаҳои низоми таҳсилоти олӣ ҳамчун фанни ҳатмӣ ворид шудани асосҳои демография ва сиёсати гендерӣ;
- фаъолнокии ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки ба масъалаҳои таҳсилот, аз ҷумла таҳсилоти занон машғуланд;
- таъсиси марказҳо оид ба омӯзиши баробарии гендерӣ, аз ҷумла дар ҷараёни таҳсил;
- баланд бардоштани сатҳи донишҳои гендерии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ;
- татбиқи амалияи истифодаи индикаторҳои аз ҷиҳати гендерӣ ҳассоси баҳогузорӣ баҳри рушди низоми маориф;
- тавсеа ва такмили чорабиниҳои маҷмӯӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи фарогирии духтарон ба таҳсилоти миёна ва касбӣ, аз ҷумла аҳолии деҳот ва ноҳияҳои дурдаст;
- баланд гардидани сатҳи сифати таҳсил ва таълими занон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот.

46. Баҳри ноилгардӣ ба ҳадафҳо чунин афзалиятҳо пешбинӣ мегарданд:

- баланд бардоштани фарогирии духтарон ва занон ба таҳсил;
- таъмини ҳамкории сохторҳои дахлдор ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташаккул, татбиқ ва назорати баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти занон;
- тақвияти имкониятҳои соҳаи маориф дар самти таъмини баробарии воқеии гендерӣ;
- ворид кардани унсурҳои гендерӣ ба маводи омӯзишию методии муассисаҳои таълимӣ.

47. Амалигардонии ҳадафҳои мазкур тадбирҳои зеринро дар бар мегирад:

- бунёди махзани таҳлилӣ оид ба тамоюлҳои демографӣ, маориф ва шуғли занон, таъсири тадбирҳои сиёсӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, шуғл, буҷети давлатӣ ва соҳибкорӣ ба таҳсили занону духтарон;
- таҳияи барномаҳои рушди соҳаи маориф ва низоми маблағгузории дорои нишондиҳандаҳои аз нигоҳи гендерӣ ҳассос;
- ворид намудани унсурҳои гендерӣ ба барномаҳои омӯзишию методии муассисаҳои таълимӣ;
- фаъол намудани механизмҳои таъмини саводнокии ҳуқуқӣ ва ҷалби иҷтимоии занон бо дар назар доштани занони деҳот;
- рушди тадқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ;
- баланд бардоштани сатҳи таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳо ва васоити техникӣ, хусусан дар маҳалҳои аҳолинишини деҳот;
- гузаронидани корҳои иттилоотию маърифатӣ оид ба муҳиммият ва зарурати таҳсилоти занон тавассути ҷалби воситаҳои ахбори омма, ташкилотҳои динию ҷамъиятӣ;

- зиёд намудани квотаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати гирифтани таҳсилоти олӣ барои духтарони минтақаҳои дурдаст;

- таъмини ба эътибор гирифтани хусусиятҳои минтақавӣ ва дурнамо дар раванди ҷойгир намудани муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

- кумак дар маърифатнокии гендерии шаҳрвандон, аз ҷумла тавассути ташкили курсҳои таълимӣ;

- таъмини иштироки баробари мардон ва занон дар сохторҳои мақомоти маориф ва муассисаҳои илмӣ;

- бунёди муассисаҳои нав, таъмиру таҷдиди муассисаҳои амалкунандаи таълимӣ бо таъмини инфрасохторҳои муносиб (гармӣ, неруи барқ, обтаъминкунӣ, беҳдошт, алоқаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва роҳ) бо дар назар доштани талаботи гендерӣ;

- мусоидат ба фароҳам овардани муҳити бехатари таҳсилоти баинобатгирандаи омилҳои гендерӣ дар маҳал, аз ҷумла ғизои ройгон ва муассисаҳои ба манзилҳои истиқоматӣ наздик бо мақсади ба пуррагӣ ба таҳсил фаро гирифтани духтарон дар зинаҳои болоии таҳсилот;

- идомаи таҳияи механизмҳои таҳсил барои духтароне, ки дар вақташ таҳсилоти миёнаи пурра нагирифтаанд;

- дастгирии барномаҳои таҳқиқотии марбут ба масъалаҳои гендерӣ ва фароҳам овардани дастрасӣ ба натиҷаҳои он барои ҳама шахсони манфиатдор.

48. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:

- фарқият байни аҳолии шаҳр ва деҳот аз рӯи нишондиҳандаҳои сатҳи саводнокии занон моҳиятан коҳиш меёбад;

- теъдоди занони ба фаъолияти фоидаовар машғул дар бозори меҳнат афзоиш меёбад;

- курсҳои таълимӣ оид ба маърифатнокии гендерии шаҳрвандон ташкил карда мешаванд;

- тадқиқоти илмӣ дар масъалаҳои алоҳидаи баробарии гендерӣ гузаронида мешаванд;

- сатҳи таҳсилоти насли наврас, аз он ҷумла, духтарон баланд бардошта мешавад.

# 6. ЗАНОН ВА ТАНДУРУСТӢ

49. Мардон ва занон ҳуқуқҳои баробар ба ҳифзи саломатӣ ва шароити баробар ба кумаки ройгони тиббӣ дар муассисаҳои давлатии тандурустӣ доранд. Давлат таъмини дастрасии баробари мардон ва занон ба хизматрасонии тиббӣ, таъмини иштироки баробари мардону занонро дар мақомоту муассисаҳои тандурустӣ кафолат медиҳад ва нобаробариҳо миёни мардону занон вобаста ба тафовутҳои биологӣ ва қолабҳои гендерии ба онҳо алоқамандро пешгирӣ менамояд.

50. Баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии занон тавассути тақвияти солимии репродуктивӣ ва солимии модару кӯдак яке аз йадафйои асосии Стратегияи мазкур мебошад.

51. Дар ин раванд чунин мушкилот мавҷуданд:

- нобаробарӣ дар дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ вобаста ба сатҳи даромад, таҳсилот ва маҳалли истиқомат (занон дар деҳа ва шаҳр);

- сатҳи пасти тахассус ва норасоии ҳайати кормандони тиббӣ, махсусан дар деҳот;

- сатҳи пасти даромади оилаҳо, таъсири вазъияти норасоии буҷети оилавӣ ба эҳтиёҷоти занон дар самти таъмини дастрасии пурра ба хизматрасониҳои тиббӣ;

- сатҳи пасти иттилоотонии насли ҷавон дар масъалаҳои солимии репродуктивӣ ва гирифтани кумаки босифат;

- набудани низоми доимоамалкунанда дар гузаронидани тадбирҳои пешгирӣ, ташхису муоина ва табобати бемориҳои ғайригениталӣ, аз он ҷумла, саратони ғадуди сина, гарданаки бачадон, тухмдон ва остеопороз;

- мавҷудияти таҷрибаи таваллудҳои хонагӣ, мавҷудияти хавфи ҳамл ва таваллуди хатарнок, риоя накардани фосилаи байни таваллуд;

- афзоиши теъдоди бемориҳои хатарнок, аз қабили ВНМО/БНМО, сироятҳои бемории гузарандаи ҷинсӣ, нашъамандӣ, майзадагӣ;

- мавҷуд будани ҳолатҳои худкушӣ аз тарафи занон, духтарони ноболиғ;

- дар натиҷаи паҳншавии бемории сироятӣ зиёд гаштани сарбории занон бо меҳнати хонагӣ ва афзоиши хавфи гирифтор шудан ба вирус дар оилаҳои бемордошта зимни нигоҳубини беморони хона, ки нигоҳубини онҳо асосан бар дӯши занон аст.

52. Дар ин давра чунин натиҷаҳои мусбӣ дар ин самт ба даст омадаанд:

- бунёд ва рушди шабакаи муассисаҳои тиббӣ, имкониятҳо барои ҳифзи занон ва дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои тиббӣ фароҳам оварда шуданд;

- лоиҳа ва барномаҳо доир ба солимӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ, таъмини сиҳатии модарон, пешгирии бемориҳои сироятӣ таҳия ва амалӣ шуда истодаанд;

- барномаҳои ташкилу такмили кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, тайёр кардан ва такмили ихтисоси кадрҳо татбиқ мешаванд, ки пешниҳоди иттилоотро оид ба соҳаи ҳифзи солимии репродуктивӣ ва бурдани корҳои пажӯҳишӣ дар ин самт дар бар мегиранд;

- ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти пажӯҳиш ва инъикоси мушкилоти марбут ба солимии репродуктивӣ ва солимии занон фаъолият мебаранд;

- чорабиниҳои иттилоотӣ дар мавзӯи муҳиммияти ширмакконии кӯдак, хизматрасониҳои тиббӣ ба модарону кӯдакон мунтазам доир карда мешаванд;

- дарозумрии аҳолӣ дар ин давра 1,4 сол зиёд гардида, дар соли 2019 ин нишондиҳанда ба 75,1 сол (мардон 73,5 сол ва занон – 76,8 сол) расидааст;

- фаъолияти марказҳои бӯҳронӣ ба ҳифзи занони ҷабрдидагони зӯроварӣ, аз он ҷумла барқарорсозии солимии равонии онҳо нигаронида шуда аст.

53. Бахри ноилгардӣ ба ҳадафҳо чунин афзалиятҳо пешбинӣ мегарданд:

- баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии занон, тақвияти иқтидори бахши ҳифзи саломатӣ бахри таъмини дастрасии воқеии занон ба хизматрасониҳои тиббӣ;

- таъмини татбиқи намунаи муосиру арзишҳои навини илмӣ дар самти солимии аъзои оила ва такмили омори тиббӣ;

- бартараф кардани номутаносибӣ байни шаҳру деҳот дар самти дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои тиббию профилактикӣ.

54. Амалигардонии ҳадафҳои мазкур тадбирҳои зеринро дар бар мегирад:

- ташкили тадқиқотҳо оид ба тамоюлҳои демографӣ, беморшавӣ, солимии репродуктивии занон ва духтарони ноболиғ, таъсири тадбирҳои тиббию санитарӣ ба саломатӣ дар доираи сиёсати шуғл ва ҳифзи иҷтимоӣ, маориф ва муҳити зист;

- таҳияи барномаҳои рушди соҳаи ҳифзи саломатӣ ва маблағгузории соҳа бо дар назар доштани нишондиҳандаҳои аз лиҳози гендерӣ ҳассос;

- роҳандозӣ ва амалӣ кардани фаъолияти ҳамоҳангшудаи мақомоти ҳокимияти давлатии ҳама зинаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятиву байналмилалӣ, хайриявӣ барои гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ дар самти дастгирии саломатӣ, натиҷагирӣ аз вазъият ва амалӣ намудани барномаҳо дар соҳаи тандурустии занону модарон;

- таъмини ҳарчи бештар бо кадрҳо, муҷаҳҳаз намудани муассисаҳои тиббӣ, хусусан дар деҳот, бо таҷҳизоти техникии тиббии муосир;

- дар заминаи шуъбаҳои амалкунандаи онкологӣ ва солимии репродуктивӣ таъсиси бахшҳои ташхиси саривақтӣ (скрининг)-и саратони ғадуди сина;

- татбиқи босамари барномаҳои солимии репродуктивӣ ва танзими оила;

- андешидани чораҳо оид ба пешгирии худкушӣ, аз ҷумла таъсиси шабакаҳои телефонҳои боварӣ, марказҳои бухронии занон;

- таъмини дастрасии ҳамаи занон ва духтарон ба маърифату маълумот оид ба масъалаҳои алоқаи ҷинсӣ ва таваллуди кӯдак, модарии бехавф ва ширмаккониии кӯдакон, истеъмоли дурусти ғизо ва пешгирии сӯистифода аз маводи мадҳушкунанда ва нашъаовар;

- мусоидат ба баланд бардоштани сатҳи дониш ҷиҳати коҳиши ҳомиладории номатлуби ҷавонон ва исқоти ҳамли номатлуб;

- таҳия намудани маҷмӯи ҳуҷҷатҳо оид ба рушди хизматрасонии тиббӣ барои занони ҳомила ва кӯдакони навзод дар минтақаҳои кишвар;

- такмил додани махзани маълумот оид ба тағйирёбии иқлим ва идораи хавфҳои офатҳои табиӣ бо имкониятҳои арзёбии нишондиҳандаҳои ҳассоси гендерӣ дар ин самт;

- ташаккул ва таҳлили мунтазами махзани маълумот доир ба омори тиббӣ бо дар назар доштани ҷанбаҳои гендерии он;

- такмил додани низоми муоина ва пешгирии беморшавии занон ва модару кӯдак;

- пешбурди мунтазами сиёсати солимии репродуктивӣ ва танзими оила.

55. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:

- коҳиш ёфтани паҳншавии камхӯрии давомдор ва шиддатнок (қадпастӣ ва лоғарӣ), инчунин, норасоии витаминҳои фоидабахши ғизоӣ миёни аҳолӣ, аз он ҷумла миёни кӯдакони то 5 – сола, духтарон, наврасон, занони ҳомила ва макконанда;

- зиёд шудани болоравии банақшагирифтаи дарозумрӣ;

- коҳиш ёфтани фавти модару кӯдак;

- сари вақт ошкор ва табобати занони гирифтори бемориҳои ғайригениталӣ, аз он ҷумла, саратон;

- коҳиш ёфтани сатҳи беморони мубталои бемориҳои тариқи алоқаи ҷинсӣ гузаранда;

- пешгирии ҳамли номатлуб ва исқоти ҳамли номатлуб;

- такмили махзани маълумот доир ба омори тиббӣ бо дар назар доштани ҷанбаҳои гендерӣ.

# 7. ТАШАККУЛИ ДАРКИ ЗАРУРАТИ ТАЪМИНИ БАРОБАРИИ

ҲУҚУҚУ ИМКОНИЯТҲОИ ЗАНОН ДАР ТАФАККУРИ ҶАМЪИЯТӢ

56. Ташаккули шуури ҷамъиятӣ ва рафтор дар асоси принсипи баробарии ҳуқуқ ва имкониятҳои занон ва мардон, мусоидат ба таъмини баробарии гендерӣ, бартараф кардани ќолабҳои гендерӣ дар бораи нақши занон ва мардон дар ҷомеа ва оила яке аз йадафҳои Стратегияи мазкур мебошад.

57. Дар ин раванд чунин мушкилот мавҷуданд:

- мавҷудияти ақидаронихои кӯҳна ва ќолабҳои шахшудаи хурофотӣ доир ба мавқеи занон дар ҷомеа;

- мавҷудияти назари қолабию шахшуда оид ба мавқеи занон дар баъзе санадҳои қонунгузорӣ;

- муттасил набудани баргузории чорабиниҳои иттилоотӣ оид ба масъалаҳои мубориза алайҳи табъиз нисбат ба занон ва мардон;

- иттилоотонии нокифояи гендерии журналистон ва хабарнигорони маҳаллӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ;

- нокифоягии инъикоси масъалаҳои гендерӣ ва сиёсати гендерии давлат дар воситаҳои ахбори омма.

58. Дар ин давра ба чунин натиғайои мусбҷ ноил гардида шуд:

- қабул гардидани маҷмӯи барномаҳои гендерӣ ва қоидаҳое, ки дар таъмини баробарии ҳуқуқ ва имкониятҳои занону мардон заминаи бунёдиро ташкил медиҳанд;

- зиёд гардидани теъдоди нашрияҳои маҳаллӣ, матбааҳо, шабакаҳои радио ва телевизион, ки аз афзоиши имкониятҳои таъсиррасонӣ ба ҷомеа ва доираҳои васеи аҳолӣ гувоҳӣ медиҳанд;

- фаъолияти назарраси ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ташкилотҳое, ки ба масъалаҳои гендерӣ машғуланд;

- афзудани адади интишороти маводи занон-рӯзноманигорон, журналистони ҷавони мустақил;

- баланд гаштани маърифати ҳуқуқӣ ва гендерии аҳолӣ;

- муттаҳидсозии кӯшишҳои воситаҳои ахбори омма ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар инъикоси баробарии занон ва мардон, мушкилоти занон ва кӯдакон;

- ба роҳ мондани омӯзиши кормандони воситаҳои ахбори омма ҷиҳати инъикоси дурусти мавзӯъҳои гендерӣ;

- ташкил ва баргузории озмунҳо дар байни рӯзноманигорон оид ба инъикоси масъалаҳои баробарии гендерӣ ва сиёсати гендерии давлат.

59. Байри ноилгардч ба йадафйо чунин афзалиятйо пешбинӣ мегарданд:

- такмили қонунгузории амалкунанда дар самти барҳам додани қолабҳои гендерӣ;

- афзоиши нашр ва фарогирии масъалаҳои баробарии гендерӣ дар воситаҳои ахбори оммаи чопӣ, радио, телевизион ва воситаҳои электронӣ;

- баланд бардоштани огоҳонии ҷомеа доир ба масъалаҳои баробарии гендерӣ ва сиёсати гендерии давлат.

60. Амалигардонии ҳадафҳои мазкур тадбирйои зеринро дар бар мегирад:

- таҳия ва татбиқи барномаҳои коммуникатсионӣ барои мусоидат ба таъмини баробарии гендерӣ, бартараф кардани ќолабҳои гендерӣ дар бораи нақши занону мардон дар ҷомеа ва оила, тағйир додани афкори ҷомеа ва шаклҳои рафторе, ки зӯровариро нисбати занон ва духтарон дуруст меҳисобанд;

- дастгирӣ ва баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа тавассути воситаҳои ахбори омма;

- ташкил ва баргузории омӯзишҳо барои сардабирони воситаҳои ахбори омма бо мақсади баланд бардоштани малакаҳои гузаронидани баҳсу мунозираҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ;

- паҳн намудани муқаррароти мушоҳидаҳои байналмилалӣ дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбат ба занон ва таъмини баробарҳуқуқии мардон ва занон;

- таҳия ва нашри ҳисоботи даврӣ доир ба рафти иҷрои барномаҳои давлатии марбут ба таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари мардон ва занон;

- таъмини ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва воситаҳои ахбори омма оид ба масъалаҳои ноил шудан ба баробарии мардон ва занон;

- баргузор намудани озмунҳо, олимпиадаҳо ва конференсияҳо, омода кардани филмҳо ва маводи чопӣ дар мавзӯи баробарҳуқуқии мардону занон, тарз ва воситаҳои фаъол гардонидани нақши онҳо дар ҷомеа;

- дар воситаҳои ахбори омма инъикос намудани намунаҳои фаъолияти хубу самараноки занон дар соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, илм, ҳуқуқ, маънавиёт ва ғайра.

61. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:

- заминаи қонунгузорӣ ва механизмҳои институтсионалӣ таҳким ёфта, сатҳи маърифати ҳуқуқии занон, бахусус дар маҳалҳо баланд бардошта мешавад;

- теъдоди интишорот ва барномаҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ меафзояд;

- фаъолияти самаранок, натиҷаҳои мусбӣ ва комёбиҳои занон дар соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти ҷомеа дар воситаҳои ахбори омма пайваста инъикос меёбанд;

- иттилоотонии аҳолӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ ва баробарҳуқуқии занону мардон зиёд мегардад.

## 8. ПЕШГИРИИ ЗЎРОВАРӢ НИСБАТ БА ЗАНОН

62. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста оид ба бартараф намудани зӯроварӣ дар оила, пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон ва аз байн бурдани онҳо чораҳои махсус меандешад. Мақсади асосии сиёсати давлат дар самти пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон аз ташаккули муносибати тоқатнопазири ҷомеа нисбат ба зӯроварӣ нисбати занон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон вобаста ба пешгирии зӯроварӣ нисбати занон ва тағйир додани афкори омма нисбат ба зӯроварӣ иборат аст.
63. Фароҳам овардани шароит барои зиндагии арзандаи занон бидуни зӯроварӣ, решакан намудани ҳама гуна шаклҳои зуҳуроти зӯроварӣ дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла дар оила, тағйир додани афкори ҷомеа нисбат ба зӯроварӣ нисбати занон, ташаккули муносибати таҳаммулнопазир нисбат ба зӯроварӣ самти афзалиятноки Стратегия мебошад.

64. Дар ин раванд мушкилотӣои зерин мавҷуданд:
- зуҳуроти шаклҳои мухталифи зӯроварӣ нисбати занон, ки ба занон ва духтарон зарари зиёди ҷисмонӣ ва равонӣ мерасонад, имкониятҳои онҳоро барои амалисозии қобилияти худ маҳдуд месозад ва боиси хароҷоти назарраси иқтисодӣ барои худи онҳо ва барои ҷамъият дар умум мегардад;

- дасткашии занон-ҷабрдидагони зӯроварӣ аз мурочиат ва дар натиҷа бе ҷазо мондани зӯроварон;

- савдои занону кӯдакон, бахусус вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ;

- воҳидҳои сохтории мақомоти корҳои дохилӣ, ки ба масъалаҳои зӯроварӣ нисбат ба занон машғуланд, танҳо дар баъзе шаҳру ноҳияҳо таъсис дода шудаанд ва аз ҷиҳати таъминоти техникӣ заиф буда, имконияти ба занони ҷабрдида ёрии мушаххас расониданро надоранд;

- мавҷуд набудани низоми мағмӯии баќайдгирии омори зӯроварӣ дар оила, дар ҷойи кор, макони таҳсил ва ҷойҳои ҷамъиятӣ;

- инъикоси нокифояи масъалаҳои намудҳои зӯроварӣ дар воситаҳои ахбори омма;

- баланд гардидани хавфи сар задани зӯроварӣ дар оила дар йолати татбиќ шудани чорайои карантинҷ вобаста ба бемориҳои сироятҷ, мавҷуд набудани кор, баста гардидани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва томактабӣ, ба вуҷуд омадани ташвишҳои иловагӣ ва сарборӣ дар оила;

- маҳдудшавии иҷтимоӣ ва рафтори зиддииҷтимоии занон, канораҷӯӣ аз иштирок дар фаъолияти сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва маърифатӣ дар натиҷаи оқибатҳои зуроварӣ;

- таъсири манфии зӯроварӣ ба рӯҳияи кӯдаконе, ки шоҳиди он буданд;

- афзоиши худкушии занон, куштор ва расонидани зарар ба саломатии занон;

- таъсири оќибатӣои манфии зӯроварии равонҷ, иќтисодҷ, ғисмонҷ  ва шайвонҷ дар оила ба кӯдакон ва наврасон.

65. Дар ин давра ба чунин натиғайои мусбҷ ноил гардида шуд:

- такмили низоми қонунгузорӣ дар самти пешгирӣ ва рафъи зӯроварии дорои аломатҳои гендерӣ дар ҷомеа ва оила мутобиқ ба меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва фаъолгардонии маҷмӯи чорабиниҳои ҳифзи ҳуқуқии ҷабрдидагони зӯроварӣ;

- дар вазоратҳо ва идораҳои соҳаҳои иҷтимоӣ ва йифзи йуќуќ (маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва корҳои дохилӣ)

таъсиси воҳидҳои сохторӣ, ки фаъолияти онҳо бевосита ба ҳалли мушкилоти занон, оила ва кӯдакон равона карда шудааст;

- рушди шабакаи марказҳои буҳронӣ, паноҳгоҳҳо дар назди сохторҳои давлатӣ ва ташкилоти ҷамъиятӣ, ки барои ҷабрдидагони зӯроварӣ хизмат расонида, барои ташкил намудани заминаи методию иттилоотии тамоми ташкилотҳои хизматгузори иҷтимоии оилаҳо ва кӯдакон мусоидат менамоянд;

- пешгирию бартараф кардани зӯроварӣ дар оила тавассути омӯзиш ва ошкор сохтани зӯроварӣ дар ибтидои зуҳуроти он.

66. Байри ноилгардҷ ба йадафйо чунин афзалиятйо пешбинӣ мегарданд:

- коҳиши нобаробарии гендерӣ дар асоси такмили сиёсат оид ба таъмини баробарии воқеии гендерӣ, пешгирии ҳама гуна шаклҳои зӯроварӣ нисбат ба занону духтарон;

- рушди заминаи қонунгузорӣ дар самти пешгирӣ ва рафъи зӯроварии дорои аломатҳои гендерӣ дар ҷомеаву оила ва амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва кумаки қурбониёни зӯроварӣ;

- мукаммал намудани механизми институтсионалии татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»;

- ташкили ниҳодҳо оид ба ҳамоҳанг сохтан ва тавсеа додани фаъолияти сохтори давлатӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ ва кумак ба қурбониёни зӯроварӣ;

- такмили омори гендерӣ ва ташкили омори маҷмӯӣ оид ба тамоми шаклҳои зӯроварӣ;

- гузаронидани таҳқиқот оид ба муайян намудани сабаб, омил ва ҳудудҳои зӯроварӣ дар оила;

- васеъ намудани доираи чораҳо оид ба таъмини дастрасӣ ва сифати хизматрасонӣ ба занону духтарони аз зӯроварӣ ҷабрдида;

- таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба тағйир додани афкори омма оид ба зӯроварӣ, шаклҳои рафторе, ки хушунатро нисбати занон ва духтарон асоснок мекунанд ва ташаккули таҳаммулнопазирӣ нисбат ба зӯроварӣ дар ҷомеа.

67. Амалигардонии Стратегияи мазкур дар ин самт тадбирйои зеринро дар бар мегирад:

- такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳамоҳангсозии мубориза бо зуҳуроти зӯроварӣ нисбат ба занон, ташкили хизматрасониҳои ройгон ба ҷабрдидагони зӯроварӣ;

- ташкили Шӯрои байниидоравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таъмини иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва барномайои давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила ва мукаммал намудани механизми институтсионалии татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар самти дастгирии ҷабрдидагони зӯроварӣ;

- мустаҳкам намудани механизмҳои ҳимояи ҳуқуқии занони эҳтиёҷоти махсусдошта аз зӯроварӣ, алалхусус дар дастрасӣ ба кумаки ҳуқуқии ройгон барои қурбониёни зӯроварӣ;

- таъмини кумаки ройгони ҳуқуқӣ, тиббӣ ва равонӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила тавассути дастгирии марказҳои буҳронии фаъолияткунанда;

- ташаккули низоми институтҳои иҷтимоӣ оид ба расонидани кумаки амалӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ аз рӯи аломатҳои гендерӣ, ҳамоҳангсозии неру ва захираҳои ҳама ҷонибҳои манфиатдор оид ба масъалаи зӯроварии гендерӣ;

- гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ, маърифатӣ ва тарбиявӣ оид ба тағйир додани ақидаҳои хурофотӣ дар бораи эътирофи бартарияти мардон нисбат ба занон;

- дастгирӣ, рушд ва татбиқи реклама ва роликҳои иҷтимоӣ, дигар усулҳои ҷалби воситаҳои ахбори омма ба таблиғу ташвиқи ҳаёт бидуни зӯроварӣ;

- тақвияти ҳамкории сохторҳои ҳокимият, муассисаҳои иҷтимоӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи зӯроварӣ аз рӯи аломатҳои гендерӣ;

- таъмини омӯзиши махсусгардонидашудаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, соҳаи тандурустӣ ва кормандони иҷтимоӣ барои расонидани кумак, офиятбахшӣ ва дигар хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ;

- ташкили марказҳо ҷиҳати тағйири рафтор барои шахсони зӯровар;

- гузаронидани тадқиқотҳо оид ба сабабҳо ва ҳудудҳои содир шудани зӯроварӣ нисбат ба занон;

- васеъ намудани доираи маълумоти оморӣ ва иттилоотӣ оид ба вазъи зӯроварӣ нисбати занон ва духтарон;

- баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занон, бахусус занони деҳот;

- бо мақсади роҳ надодан ба ҳолатҳои зӯроварии такрорӣ гузаронидани корҳои пешгирикунанда бо оилаҳои носолим ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ;

- пурзӯр намудани корҳои марбут ба тарбия дар оила, риояи меъёрҳои ахлоқу одоб, оид ба тарбияи таҳаммулнопазирӣ ба ҳамаи намудҳои зӯроварӣ дар оила, ҷойи кор ва шаклҳои дигари рафтори пастзанандаи шаъну шарафи занон дар муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳои калон, миёни аҳли меҳнат.

68. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:

- як қатор муассисаҳои махсусгардонидашудаи таъминоти иҷтимоии оила ва кӯдакон, марказҳои кумакҳои равонию педагогӣ ба оилаҳо барои раҳоӣ аз вазъи буҳронӣ ва мутобиқшавии иҷтимоию равонӣ ба шароитҳои муосир таъсис дода мешаванд;

- сохторҳои нав оид ба ҳамоҳангсозӣ ва тавсеаи фаъолияти мақомоти давлатӣ дар шарикӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ ва кӯмак ба қурбониёни хушунат ташкил карда мешаванд;

- низоми ҷамъоварии мунтазами маълумоти оморӣ оид ба ҳамаи намудҳои зӯроварӣ таъсис меёбад;

- пайваста чорабиниҳо вобаста ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занон дар маҳалҳо баргузор карда мешавад;

- шумораи ҳодисаҳо аз рӯи ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ кам гашта, дастрасӣ ва сифати хизматрасонӣ барои занону духтарони гирифтори зӯроварӣ вусъат дода мешавад;

- таҳаммулнопазирии ҷомеа ба ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбат ба занон баланд мегардад;

- ба ташаккул ёфтани нуқтаи назари ҷомеа барои аз байн бурдани қолабҳои гендерӣ ва тағйир додани фаҳмиш ва намудҳои рафтор, ки зӯровариро нисбат ба занону духтарон асоснок мекунанд, воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ ва ғайридавлатӣ бомуваффақият таъсир мерасонанд;

- сабаб, омил ва ҳудудҳои зӯроварӣ дар оила муайян карда мешавад, ҳолатҳои зӯроварӣ нисбат ба занон ва кӯдакон кам мешавад.

# 9. ОМИЛҲОИ ТАҲКИМИ ОИЛА

69. Таҳкими оила ва муносибатҳои оилавию никоҳ бо роҳи баланд бардоштани мақому мартабаи оила, таблиғу ташвиқи арзишҳои миллии оиладорӣ, никоҳ ва оила, расидан ба баробарии гендерӣ дар муносибатҳои оилавӣ, ки анъанаву оинҳои фарҳангиву иҷтимоии наслҳоро таъмин мекунад, яке аз ҳадафҳои Стратегияи мазкур мебошад.

70. Дар ин раванд чунин мушкилот мавҷуданд:

- коҳиш ёфтани дарки нақши созандаи оила дар рушди иқтидори ояндаи инсонӣ аз ҷониби ҷомеа;

- мавҷудияти оилаҳои нопурра, ки аз як падар ё модаранд ва тарбия ёфтани фарзандон дар оилаҳои нопурра;

- афзудани таъсири омилҳои хурофотӣ ва дар ҷомеа паҳн гаштани қолабҳои гендерӣ, ки мақоми занро дар оила паст менамояд;

- сатҳи пасти таҳсилоти духтарони синни 16-19 ва ба шуғли арзанда кам фаро гирифта шудани занон;

- дар оила вобастагии зиёди иқтисодӣ доштани занон аз мардон;

- дузанагӣ ва серзанагӣ, ки дар таъминоти фарзандон мушкилот ба вуҷуд оварда, ба фазои солимии оилаҳо монеа эҷод мекунад;

- зиёд будани теъдоди ҷудошавии оилаҳо, заиф гаштани обрӯ ва арзишҳои оилавӣ;

- коҳиш ёфтани таъсиррасонии падарон дар тарбияи фарзандон дар оила, шиддати муносибатҳои дохилиоилавӣ, ба вуҷуд омадани низоъ ва ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила;

- набудани механизми дуруст таҳияшудаи рӯёнидани алимент аз муҳоҷирони меҳнатӣ, ки аз пардохти алимент саркашӣ ё кашолкорӣ мекунанд;

- истифода нагардидани таҷрибаи бастани аҳдномаи никоҳ, ки дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст;

- нобаробарӣ дар тақсими уҳдадориҳои оилавии ҳамсарон;

- бад шудани вазъи оилаҳои серфарзанд, модарони танҳо ва оилаҳои ҷавон вобаста ба коҳиш ёфтани вазъи иқтисодии оилаҳо дар давраи хуруҷи бемориҳои сироятӣ.

71. Дар ин давра ба чунин натиҷаҳои мусбӣ ноил гардида шуд:

- таҳия қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, механизмҳои институтсионалӣ дар самти тақвияти манфиати оилаҳо, ҳимояи аъзои оила, болоравии мавқеъ ва манзалати занону духтарон дар ҷомеа, пешгирии зӯроварӣ дар оила;

- эътирофи зарурати баҳисобгирии манфиатҳои оила ва кӯдакон, инчунин андешидани чораҳои мушаххас ҷиҳати дастгирии иҷтимоии онҳо, таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои дастгирии иҷтимоиву иқтисодии оилаҳо;

- дар ҷомеа дарк намудани муҳиммияти оила, нақши созандаи он дар тарбияи насли нав, таъмини рушд ва суботи ҷомеа;

- рушди шабакаҳои барои ҳамаи оилаҳо дастраси муассисаҳои томактабӣ, беруназмактабӣ, истироҳатгоҳҳои солимгардонии тобистона барои мактаббачагон;

- ҳамкории фаъоли ташкилотҳои ҷамъиятии занон ва сохторҳои давлатӣ дар ҳалли масъалаҳои марбут ба оила ва таҳкими муносибатҳои оилавӣ.

72. Ғайри ноилгардӣ ба ҳадафҳо чунин афзалиятҳо пешбинӣ мегарданд:

- рушди соҳибкории оилавӣ ва тиҷорати оилавӣ;

- ҳифзи арзишҳои аслии оила, тарғиби институти оиладории анъанавӣ;

- таъмини шуғли доимии аъзои оила;

- тарбияи меҳнатӣ ва ахлоқии насли ҷавон ва баланд бардоштани вазифаи тарбиявии оила.

73. Амалигардонии ҳадафҳои мазкур тадбирҳои зеринро дар бар мегирад:

- андешидани тадбирҳо ҷиҳати пурра иҷро кардани уҳдадориҳои давлат дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон ва ҷавонон, беҳдошти муҳити оилавӣ, вазъи кӯдакони маъюб, тандурустӣ ва хизматрасониҳои тиббӣ;

- такмили минбаъдаи қонунгузорӣ оид ба таҳкими муносибатҳои оилавию никоҳ ва баланд бардоштани мақоми оила;

- таҳияи механизмҳои институтсионалии таъмини иҷрои Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таъмини шароитҳои зарурӣ барои татбиқи функсияи иқтисодӣ ва фарҳангию равонии оила, беҳдошти сифати зиндагонии оилаҳо;

- фароҳам овардани замина барои танзими масъалаи дастгирии иҷтимоии оилаҳои дорои кӯдак, аз ҷумла оилаҳои серфарзанд;

- тақвияти барномаҳои давлатӣ оид ба дастгирии модарони танҳо, ки тифли хурдсол доранд;

- ҷорӣ кардани барномаҳои махсус барои додани қарзҳо ва пасандозҳо ҷиҳати ба даст овардани манзил, аз ҷумла барои оилаҳои ҷавон ва занон;

- рушди институтҳои амалкунанда ва махсусгардонидашудаи таъминоти иҷтимоии оила ва кӯдак, хадамоти махсуси кумаки равонию педагогии оилаҳо ҷиҳати озод шудан аз вазъи буҳронӣ ва мутобиқшавии иҷтимоию равонӣ ба шароитҳои нав;

- ташкили чорабиниҳои васеи таблиғу тарғиб ва шарҳу фаҳмонидани аз қайди аҡди никоҳи давлатӣ гузаштан;

- ташкил намудани чорабиниҳои иттилоотӣ дар байни аҳолӣ оид ба оқибатҳои манфии акди никоҳи бармаҳал ва серзанӣ, эҳёи анъанаҳои беҳтарини оиладории фарҳанги миллӣ, ки барои мустаҳкам намудани асосҳои маънавию ахлоқии аҡди никоҳ ва оила хизмат мекунанд;

- бо ҷалби мутахассисон ташкили барномаю намоишҳо дар радио, телевизион ва дигар воситаҳои ахбори омма оид ба мавзӯъҳои муносибаҳои оиладорию никоҳ, таҳияи филмҳои кутоҳи тарбиявӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ ва оилавӣ;

- такмили минбаъдаи фаъолияти муассисаҳои томактабӣ ва мактабӣ, ҷорӣ намудани мавзӯъҳои оиладорӣ, риояи беҳдоштӣ, тарзи ҳаёти солим, пешгирии никоҳҳои бармаҳал, зӯроварӣ дар оила;

- истифода ва таблиғу ташвиқи омори гендерӣ дар чорабиниҳои маърифатӣ, ки ба тағйир додани афкори ҷомеа нисбат ба вазъи занон, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, ташаккули эҳсоси масъулиятшиносӣ ва эҳтиром ба қонунҳо, дарки мувозинати байни ҳуқуқ ва уҳдадориҳо равона шудааст;

- эҳёи арзишҳои ахлоқӣ ва ривоҷ додани ташвиқи нақши мусбати оила ва аҡди никоҳ;

- ҷорӣ намудани таҷрибаи бунёди манзили дастрас, қарзҳои ипотекӣ барои оилаҳои ҷавон ва занон.

74. Натиҷаҳои чашмдошт дар ин самт:

- санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои оилавӣ такмил ёфта, заминаҳои мусоиди ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои оила мусоидаткунанда фароҳам оварда мешаванд;

- институти оила тақвият ёфта, масъулиятнокии падару модар ва фарзандон баланд мегардад;

- чорабиниҳои тарғиботиву ташвиқотӣ вобаста ба масъалаҳои оиладорӣ, муҳиммияти бастани аҳдномаи никоҳ ва дигар масъалаҳо вобаста ба таҳкими оила гузаронида мешавад;

- сатҳи маърифати оиладории шаҳрвандон боло рафта, сатҳи ҷудошавии оилаҳо коҳиш меёбад;

- тайқиқоти илмӣ вобаста ба масъалаҳои муҳимми оиладориву муносибатҳои оилавӣ гузаронида шуда, ҷиҳати ташкили хадамоти иҷтимоӣ, равонӣ, тиббӣ ва ҳуқуқӣ барои оила заминаҳо гузошта мешаванд.

## 10. МЕХАНИЗМИ АСОСИИ АМАЛИГАРДОНИИ СТРАТЕГИЯ

75. Механизми асосии амалигардонии Стратегияи мазкур яке аз омилҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа буда, асоси ноил шудан ба ин ҳадафҳо, андешидани чораҳои ташкилӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотҳ, ҳамчунин таъмини иштироки фаъолонаи занон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа мебошад.

76. Дар амалӣ намудани ҳадафҳои Стратегияи мазкур ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҷалб мегарданд.

11.

## 12. МАБЛАҒГУЗОРИИ СТРАТЕГИЯ

77. Маблағгузории Стратегия аз ҳисоби маблағҳои буҷетии барои барномаҳои мақсаднок ва маблағгузории ҳарсола ба вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллӣ пешбинишуда, инчунин тавассути ҷалби сармояи хориҷӣ, грантҳо, фондҳои башардӯстона ва воситаҳои донории созмонҳои байналмилалӣамалӣ карда мешавад.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 апрели соли 2021, №167

Нақшаи чорабиниҳо
барои солҳои 2021-2025 оид ба амалисозии Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон
дар Ҷумҳурии Тоғикистон барои солҳои 2021-2030

| № | Ҳадафҳои стратегӣ | Чорабиниҳо | Мухлат | Иҷрокунандагон | Натиҷаҳои пешбинишаванда | Талаботи маблаѓгузорӣ дар як сол аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ | Талаботи маблағгузорӣ дар як сол аз ҳисоби шарикони рушд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. МАҚОМИ ЗАН ДАР ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТИВУ СИЁСИИ МАМЛАКАТ | | | | | | | |
| 1. | Тақвияти фаъолияти мақомоти давлатие, ки барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии иҷрои сиёсати гендерии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони ташкилотҳои | 1. Баррасии масъалаи таҷдиди сохтори Кумитаи кор бо занон ва оила<br><br>2. Ташкили гурӯҳҳои кории доимоамалкунанда оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, таҳлилӣ, таҳияи пешниҳодҳо ба Кумитаи кор бо занон ва оила | солҳои 2021-2025<br><br>Мунтазам | Кумитаи кор бо занон ва оила<br><br>Кумитаи кор бо занон ва оила, вазорату идораҳо, созмонҳои байналмилалӣ (дар мувофиқа) | Таҷдиди сохтори Кумитаи кор бо занон ва оила<br><br>Фаъолияти гуруҳҳои кории доимоамалкунанда дар назди Кумитаи кор бо занон ва оила, мавҷудияти таклифу пешниҳодот ба Кумитаи кор бо занон ва оила | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҷамъиятӣ масъул мебошанд | | | | | | |
| 2. | Баланд бардоштани нақш ва таъсири механизмҳои сохторҳои давлатӣ дар пешбурди усулҳои нав оид ба баланд бардоштани мақоми занон | 1. Гузаронидани мониторинги барномаҳо марбут ба масоили занон<br>2. Баррасии масъалаи ташкили гурӯҳҳои гендерӣ дар ҳамаи вазорату идораҳо | солҳои 2021-2025<br>солҳои 2021-2022 | Кумитаи кор бо занон ва оила, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ (дар мувофиқа)<br>Кумитаи кор бо занон ва оила, вазорату идораҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ (дар мувофиқа) | Ҳисоботҳо оид ба натиҷаҳои таҳқиқот<br>Фаъолияти муназзами гурӯҳҳои гендерии вазорату идораҳо | **7520** | **2000** |
| 3. | Баланд бардоштани неруи кормандони Кумитаи кор бо занон ва оила, вазорату идораҳо | Ташкил ва гузаронидани семинарҳо ва курсҳои омӯзишӣ барои кормандони Кумитаи кор бо занон ва оила, вазорату идораҳо | 2021-2025 | Кумитаи кор бо занон ва оила, вазорату идораҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ (дар мувофиқа) | Шумораи кормандони вазорату идораҳо, ки оид ба гузаронидани таҳлили гендерӣ, таҳияи стратегияҳо ва ғайра таълим гирифтаанд | **5900** | **3000** |
| 4. | Татбиқи механизмҳои кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини баробарҳуқуқии мардон ва занон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо" | 1. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо"<br>2.Пешниҳод оид ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати бартарафсозии қолабҳои гендерӣ дар бораи нақши занон ва мардон дар ҷомеа | солҳои 2021-2022<br>солҳои 2021-2022 | Кумитаи кор бо занон ва оила, Вазорати адлия, Маркази миллии қонунгузорӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ (дар мувофиқа)<br>Кумитаи кор бо занон ва оила, Вазоратҳои маориф ва илм, адлия, фарҳанг, Маркази миллии қонунгузорӣ, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, телевизион ва радио, дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, | Қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тағйиру иловаҳои воридшуда<br>Қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тағйиру иловаҳои воридшуда | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 3.Ташкил ва гузаронидани мониторинг ҷиҳати муайян намудани нишондиҳандаҳо дар самти барҳам додани қолабҳои гендерӣ<br><br>4.Арзёбии миёнамуҳлати фаъолияти марказҳои иттилоотиву машваратӣ ва таҳияи стратегия барои фаъолияти минбаъда оид ба васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои ҳуқуқиюиттилоотӣ<br><br>5. Ташкил ба баргузории семинарҳои омӯзишии гендерӣ барои роҳбарони сохторҳои давлатии марказӣ ва маҳаллӣ | Мунтазам<br><br>солҳои 2021-2025<br><br>солҳои 2021-2025 | Академияи миллии илмҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ (дар мувофиқа)<br><br>Кумитаи кор бо занон ва оила, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Агентии омор, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ (дар мувофиқа)<br><br>Кумитаи кор бо занон ва оила, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ (дар мувофиқа)<br><br>Кумитаи кор бо занон ва оила, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ (дар мувофиқа) | Ҳисобот оид ба натиҷаи баргузории мониторингҳо ва ҷойгирсозии онҳо дар сомонаи Кумитаи кор бо занон ва оила<br><br>Натиҷаи баргузории мониторинг ва разёбии фаъолияти марказҳо<br><br>Роҳбарони сохторҳои давлатии марказӣ ва маҳаллӣ 100% бо омӯзиш фаро гирифта шуданд | **1800**<br><br>**5900** | |
| 5. | Васеъ намудани шаклҳои ҳамкории иҷтимоӣ байни мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ | 1.Гузаронидани курс ва семинарҳои омӯзишӣ оид ба баланд бардоштани малакаҳои таҳияи стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ ва таҳлили гендерии равандҳои | солҳои 2021-2025 | Кумитаи кор бо занон ва оила, Агентии хизмати давлатӣ, вазорату идораҳо, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, мақомоти иҷроияи мадаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, | Теъдоди чорабиниҳои гузаронидашуда бо иштироки намояндагони ташкилоти ҷамъиятӣ, теъдоди иштирокчиён | **5900** | **6000** |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ичтимоӣ барои кормандони вазорату идораҳо, мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилоти чамъиятӣ<br><br>2 Васеъ намудани таҷрибаи фармоишҳои ичтимоии давлатӣ ба ташкилоти ҷамъиятӣ барои иҷрои барнома ва лоиҳаҳои гендерӣ | солҳои 2021-2025 | созмонҳои байналмилалӣ (дар мувофиқа)<br><br>Кумитаи кор бо занон ва оила, вазорату идораҳо, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ (дар мувофиқа) | Барномаҳо ва лоиҳаҳои таҳияшуда | | |
| 6. | Зиёд намудани пешбарии занон ба вазифаҳои роҳбари-кунандаи мақомоти иҷроия, қонунгузор ва судӣ дар сатҳи қабули қарорҳо | 1. Ташкили курсҳои такмили ихтисос барои занону духтарони фаъоли мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ<br><br>2. Баррасии масъалаи фориӣ намудани усулҳои квотачудокунии тадриҷӣ дар рафти гузаронидани озмунҳо барои ишғоли мансабҳои хизмати давлатӣ дар ҳамаи зинаҳо<br><br>3.Ташкил намудани курсҳои "Мактаби сиёсатмадори ҷавон" ва лагерҳои тобистонаи «Мактаби сарварии сиёсӣ» дар назди раёсат, шуъба ва | солҳои 2021-2025<br><br>солҳои 2021 – 2025<br><br>солҳои | Кумитаи кор бо занон ва оила, Академияи идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ (дар мувофиқа)<br><br>Кумитаи кор бо занон ва оила, Агентии хизмати давлатӣ, Академияи идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ (дар мувофиқа)<br><br>Кумитаи кор бо занон ва оила, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ (дар мувофиқа) | Миқдори курсҳо бо дар назар доштани теъдоди занону духтарон<br><br>Пешниҳодҳои дахлдор дар ин самт<br><br>Курсҳои гузаронидашудаи "Мактаби сиёсатмадори ҷавон" ва лагерҳои тобистонаи «Мактаби сарварии сиёсӣ» дар минтақаҳо ва теъдоди | **5900**<br><br>**5900** | **4000**<br><br>**4000** |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | бахшҳои кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои донишҷӯдухтарон ва духтарони синфҳои болии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ<br><br>4.Таҳлили қабул тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои духтарон ва таҳияи тавсияҳо ҷиҳати беҳтар намудани дастрасии духтарон ба таҳсилоти олии касбӣ<br><br>5. Ташкил ва баргузории курсҳо, семинар ва тренигҳои омӯзишӣ дар минтақаҳо ҷиҳати баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва тахассусии занон ва духтарони деҳот | 2021 - 2025<br><br>солҳои 2021 - 2025<br><br>солҳои 2021- 2025 | Кумитаи кор бо занон ва оила, Вазорати маориф ва илм,мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ (дар мувофиқа)<br><br>Кумитаи кор бо занон ва оила, Вазорати адлия, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ (дар мувофиқа) | духтарони фарогирифта-шуда<br><br>Мавҷудияти маълумот-номаҳо оид ба таҳлилҳои гузаронидашуда ва тавсияҳои коркардшуда<br><br>Ташкил ва баргузории курсҳо, семинар ва тренингҳои омӯзишӣ ва теъдоди иштирокчиён | | **8000**<br><br>**5900** |
